# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих, Абдурашитов Ф. (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Абулхаев Р. (аъзо) ва доктори илмҳои таърих Саидов А. (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Рисолаи Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти нав буда, аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва методологӣ ҷавобгӯи талабот нисбат ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Мавзӯъ дар партави эълон шудани солҳои 2019 – 2020 солҳои ҳунарҳои мардумӣ ва рушди саёҳӣ дар ҷумҳурӣ хеле рӯзмарра мебошад. Маводҳои рисола аз назари таърихнигорӣ ва сарчашмашиносӣ барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик хеле муҳим мебошанд. Муаллиф дар ҷамъоварии мавод ва таҳқиқи ин мавзуъ кори зиёдеро анҷом додааст. Як ҷиҳати мусбати кор ин аст, ки муаллиф ба ҳамаи осорхонаҳои ҷумҳурӣ махсусан ба осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғд ва Хатлон сафар карда, коллексияҳои созҳои онҳоро бевосита таҳқиқ кардааст. Созҳои мусиқии тоҷикӣ то ҷое омӯхта шуданд, аммо ин бори нахуст аст, ки онҳо дар доираи як рисола ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар натиҷаи таҳқиқи бевоситаи созҳо таърихи

ташаккулёбии коллексиҳои созҳои мусиқии ҳамаи осорхонаҳои ҷумҳурӣ маълумоти дақиқ овардааст. Муаллиф бори нахуст феҳристи мукаммали созҳои мусиқии осорхонаҳои ҷумҳурӣ тартиб додааст. Муҳимияти феҳристи тартибгардида дар он аст, ки унвонҷӯ дар он рақами осорхонавӣ, ном, сарчашма ва замони воридшавии созҳоро ба осорхонаҳо ҳамчунин андоза ва ҳолати онҳоро равшан нишон додааст.

Унвончӯ доир ба таърихи омӯзиши ҷамъоварии созҳои мусиқии тоҷик дар осорхонаҳои Тоҷикистон ва Федератсияи Россия маълумоти муҳим дода, асарҳои илмии олимонро дақиқ таҳлил намудааст ва доир ба бепоя будани пажуҳиши баъзан олимон дар ин самт баҳои илмӣ додааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардидааст, ки дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 700 адад созҳои мусиқии миллӣ нигоҳдорӣ ва муарифӣ карда мешаванд.

Хулосаҳои Нурматзода Ҳасан оид ба таҳқиқи мавзӯ илман асоснок мебошанд. Таҳқиқи созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ барои омӯзиши таърихи мусиқии халқи тоҷик дастоварди муҳим дар соҳаи созшиносӣ, мусиқишиносӣ ва осорхонашиносӣ мебошад.

Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Мазмуни умдаи рисола дар се мақолаи унвонҷӯ, ки дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, баён шудааст.

Рисолаи номзадии Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик», аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи

муқаррарнамудаи Дастури КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – **Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ** арзанда аст.

Зимни ин вобаста ба рисолаи зикршуда комиссияи экспертӣ ба чунин қарор омад:

1. Рисолаи номзадии аспирант Нурматзода Ҳасан дар мавзӯи «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Ба сифати муассисаи пешбар: Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода
3. Ба сифати муқарризони расмӣ:
   А) Набиев В.М. - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
   Б) Сайнаков С.П. – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** **Абдурашитов Ф.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Абулхаев Р.**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Имзоҳоро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**Аҳмади Дониши АИ ҶТ** **Файзуллоева Г.**